This programme is funded by the European Union

Austrian Development Agency

ДАСТУРАМАЛ

дар бораи санҷиши меваю сабзавот пеш аз содирот бо назардошти талаботи стандартҳои тиҷоратии сифат ва намуди тиҷории КИА СММ барои меваю сабзавоти хушк ва хушккардашуда

CAWG CENTRAL ASIAN WORKING GROUP

HILFSWERK

Осиёи Марказӣ 2022

Нашрияи мазкур бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва Оҷонсии Австриягии Рушд омода шудааст. Hilfswerk International ва Маркази Идоракунии Сифат масъули мундариҷаи нашрия мазкур буда, назари Иттиҳоди Аврупо ва Оҷонсии Австриягии Рушдро инъикос наменамояд. Дастурамаламали мазкур дар доираи лоиҳаи "Ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти иқтидор ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии Корхонаҳои хурд, миёна ва калони соҳаи агробизнес ва пешбарии тиҷорат дар Осиёи Марказӣ - CANDY V" дар Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон таҳия шудааст. Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо (дар доираи барномаи Central Asia Invest V), Оҷонсии Австриягии Рушд ва Hilfswerk International маблағгузорӣ шуда истодааст. Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk International дар ҳамкорӣ бо кластери кишоварзии Австриягӣ, Quality Austria, REDD France, ташкилоти ҷамъиятии машваратии "Маркази идоракунии сифат", иттиҳоди мушовирони касбии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корхонаҳои меваю сабзавоти Қирғизистон ва Иттиҳодияи саноати қанд, озуқа ва коркарди Қазоқистон амалӣ гардонида шуда истодааст. Лоиҳаи CANDY V ба рушди корхонаҳои хурд, миёна ва калони соҳаи агробизнес дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон мусоидат намуда, ба ҳамгироии кишварҳо Осиёи Марказӣ ба тиҷорати ҷаҳонӣ кумак мекунад. Ин ташаббуси минтақавӣ ба Ташкилотҳои миёнарави тиҷоратӣ (ТМТ) дар Осиёи Марказӣ имконият медиҳад, ки муҳити мусоидро барои беҳтаргардонии хизматрасоние, ки барои Корхонаҳои хурд, миёна ва калон ва беҳбуди иқлими кории умумӣ дар минтақа пешбинӣ шудааст, бо назардошти манфиатҳои умумӣ ва талаботи сохторҳои хусусӣ ва давлатӣ барои боло бурадни сифати тиҷоратӣ ва ҳаҷм, бехатарии озуқа, пешбурди маҳсулот, дастрасии маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ дар бозорҳо ва хушабандӣ (кластеризатсия) – 4 сутуни лоиҳа пешбарӣ намуда, устуворона дастгирӣ кунад.

FUNDED BY THE EUROPEAN UNION

Иттиҳоди Аврупо аз 27 кишвари узв борат аст, ки тасмим гирифтааст, ба тадриҷ дониш, захираҳо ва сарнавишти худро муттаҳид намоянд. Дар тӯли 60 сол, онҳо тавассути нигоҳ доштани тафовути фарҳангӣ, нишон додани таҳаммулпазирӣ ва кафолат додани озодии шахсият бо кӯшишҳои ҳамҷоя минтақаи дорои субот, демократия ва рушди устуворро таъсис доданд. Иттиҳоди Аврупо омода аст, комёбиҳо ва арзишҳои худро бо давлатҳо ва миллатҳои бурунмарзӣ мубодила намояд.

With funding from
Austrian Development Cooperation

Оҷонсии Австриягӣ оид ба Ҳамкорӣ ҷиҳати Рушд давлатҳои Африка, Осиё, Аврупои Ҷанубу Шарқӣ ва Аврупои Шарқиро дар самти рушди устувори онҳо дастгирӣ менамояд. Стратегияҳо аз ҷониби Вазорати Федералии корҳои Аврупо ва байналмиллалӣ таҳия карда мешавад. Оҷонсии Австриягии Рушд, зерсохтори амалиётии Оҷонсии Австриягӣ оид ба Ҳамкорӣ ҷиҳати Рушд барнома ва лоиҳаҳоро ҳамроҳ бо муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчунин корхонаҳо амалӣ менамояд..

HILFSWERK

Hilfswerk International (HWI) – яке аз созмонҳои пешрави ғайритиҷоратӣ, беҳизбӣ ва байнимазҳабии Австрия мебошад, ки дафтари марказиаш дар Вена аст. HWI лоиҳаҳоро дар самти корҳои барқарорсозӣ, кӯмаки башардӯстона ва рушди устувор дар Африка, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубию Шарқӣ, Амрикои Лотинӣ, Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубию Шарқӣ, ҳамчунин Аврупои Ҷанубию Шарқӣ аз соли 1978 амалӣ менамояд. HWI бо намояндагон ва шарикони маҳаллиаш ҳамкории зич намуда, тибқи ҳадафи худ – муборизаи бо камбизоатӣ ва мушкилот дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавассути мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои расидан ба мудирияти устувори иқтисодӣ ва рушд, ки бо дигаргуниҳои сохторӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳ аст, амал мекунад.

CAWG
CENTRAL ASIAN WORKING GROUP

ГКОС "Гурӯҳи кории Осиёи Марказӣ" доир ба пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Осиёи Марказӣ як иттиҳоди ғайрирасмии байнидавлатии ҷонибҳои манфиатдори кишварҳои минтақа (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) мебошад. Фаъолияти ГКОС ба пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шудааст. Зери истилоҳи "пешбурд", муҳокима ва мувофиқаи маҷмӯи чорабиниҳои маркетингие дар доираи ГКОС дар назар гирифта мешавад, ки ба боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва эътирофи он дар бозорҳо равона карда шудааст, http://ca-wg.net/ .

Ин дастурамал барои кумак ба ҷонибҳои манфиатдор дар пешбурди содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбакистон) ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёна дар маҳаллию минтақавӣ дар ташкили хадамоти санҷиши сифат пеш аз содирот бо назардошти расмиёт ва усулҳои интихоб ва таҳлили мутобиқ ба талаботи стандартҳои КИА СММ таҳия шудааст.

Мундариҷа

Муқаддима 3

1. **Истилоҳот ва таърифҳо** 7
2. **Намунагирӣ ва санҷиш** 10
3. **Нуқсон** 17
4. **Асбобҳо барои санҷиш** 22
5. **Раванди андозагирӣ** 25
6. **Ҳисоб ва намоиши натиҷаҳо** 25
7. **Ҳисоботи таҳлилӣ** 26
8. **Муъаррифии натиҷаҳо** 27
9. **Ҳисоботи санҷиш** 28
10. **Формҳо** 28

Муқаддима

Ин дастурамал расмиёти пешниҳодшуда барои санҷиши интиқоли меваю сабзавоти хушк ва хушккардашударо дар корхонаҳои бастабандӣ тавсиф мекунад. Ҳадафи он муайян кардани мувофиқат доштан бо стандартҳои КИА Созмони Милали Муттаҳид (UNECE) бо истифода аз озмоишҳои осебрасон ва осебнадиҳанда мебошад.

Дастрасӣ ба ғизо яке аз омилҳои асосӣ барои пешрафти тамаддун мебошад. Онҳое, ки ба ғизо дастрасии озод доранд, стандартҳои сифати маҳсулотро муқаррар карда ба ин тариқ меъёри маҳсулоти сифати баландро низ муқаррар карданд.

Мо мефаҳмем, ки сифати маҳсулот на танҳо ба қабули истеъмолкунанда вобаста аст. Мафҳуми сифат барои истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва истеъмолкунанда маъноҳои гуногун дорад. Масалан, барои истеҳсолкунанда сифат маънои муқовимат ба сармо, ҳарорати паст, бемориҳо ва ҳашароти зараррасон, хушксолӣ ва гармиро дорад, дар ҳоле ки истеҳсолкунанда ва фурӯшанда сифат гуфта пеш аз ҳама мӯҳлати нигоҳдории борро дар назар доранд. Истеъмолкунанда бошад сифати баландро дар маҳсулоте мебинад, ки тибқи анъана аз рӯи намуди зоҳирӣ ва таъм беҳтарин ҳисобида мешавад.

Барои ҳаин муҳим аст, ки меъёрҳои сифат тавре таҳия шаванд ки ба талаботи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори дар боло зикршуда ҷавобгӯ бошанд. Инчунин баъзе аз омилҳое, ки ба мафҳуми сифат таъсир мерасонанд, вобаста ба замон, макон, анъана ва рушди иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан:

- Омилҳои ҷуғрофӣ: хусусиятҳои хок, иқлим ва ғ.
- Омилҳои генетикӣ: хосиятҳои генетикии намуд ва навъ
- Омилҳои агротехникӣ: обдиҳӣ, буридан, муборизa бо ҳашарот, нуриҳо ва ғ.
- Вобаста ба коркард пас аз ҷамъоварӣ: шустан, хушк кардан, ба навъҳо ҷудо кардан, татбиқ кардани консервантҳо, бастабандӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва ғ.

Ҳамаи инҳоро метавон ба равишҳои гуногуни таъмини кафолати сифат гурӯҳбандӣ кард, ки сифати якхелаи маҳсулотро, вобаста ба хусусиятҳои дар боло зикршуда муайян карда, таъмини бефосилаи маҳсулоти дорои сифати якхеларо фароҳам мекунанд. Баъзе муқаррарот ба танзими маҳсулоте, ки ба макони бастабандӣ мерасад марбут буда (стандартҳои КИА СММ ва Codex Alimentarius), муқаррароти дигар ба танзими равандҳо (системаи идоракунии сифат) марбутанд.



Расми 1. Омилҳое, ки ба сифат таъсир мерасонанд

Имрӯз равишҳои ба маҳсулот нигаронидашуда ҷойи худро асосан ба равиши танзими идоракунии сифат додааст. Аз як тараф, сифати физикии маҳсулот ҳамчун омили ҳалкунандаи нархи ниҳоии маҳсулот дар бозори байналмилалӣ боқӣ мемонад. Аз тарафи дигар, сатҳи сифатро стандартҳои бахши хусусӣ муайян мекунанд ва барои татбиқи ин стандартҳо сатҳи муайяни зерсохторӣ зарур аст. Вале мутаассифона, ба вучуд овардани зерсохтори ҷавобгӯ ба талаботи муқарраршуда барои аксарияти корхонаҳое, ки машғули хушккунӣ ва банду баст ҳастанд ва аксари онҳо корхонаҳои хурду миёна мебошанд, душвор аст. Бо вуҷуди ин, мо як қатор тавсияҳоро оид ба риояи талаботи стандартҳои дахлдор дар сатҳи олиро дар асоси хусусиятҳои умумии системаҳои идоракунии сифат медиҳем.

Аввалан, ҳама системаҳои идоракунии сифат ба як давраи амалҳо асос ёфтаанд (PDCA - plan; do; check; act;)

- Банақшагирӣ
- Татбиқ
- Санҷиш
- Амалисозӣ

Расми 2. Давраи Деминг

Давраи Деминг ба таври мухтасар чунин тавсиф мешавад:

- **Банақшагирӣ**: муайян кардани ҳадафи системаҳо ва равандҳо, ва захираҳое, ки барои ба даст овардани натиҷаҳое, ки ба талаботи муштарӣ ва сиёсати ташкилотҳо мувофиқанд, муайян кардани хатарҳо ва имкониятҳо ва татбиқи онҳо;
- **Татбиқ**: иҷрои нақшаи пешбинишуда;
- **Санҷиш**: мониторинг ва (агар имкон ҳаст) андозагирии равандҳо, маҳсулот ва хидматрасониҳо мавҷуд дар мавриди мувофиқати оонҳо бо сиёсатҳо, ҳадафҳо, талабот ва амалҳои ба нақша гирифташуда, ҳисобот дар бораи натиҷаҳо;
- **Амалисозӣ**: андешидани чораҳо барои беҳтар кардани кор, агар лозим бошад.

Дар доираи ин равиш, захираҳо ва маводҳо ниҳоят ба мол ва ё хизматрасонӣ табдил мешаванд, яъне. маҳсулот.

Маводҳо: он чизе, ки дар доираи дохили ҳар гуна раванд ё система ворид мешавад, истифода мешавад ё дубора коркард мешавад. Дар мавриди мо маводҳо ин ашьёи хом аст.

Захираҳо: ҳамаи мошинолот, таҷҳизот, кормандон ва дигар маводҳои ёрирасон.

Раванд: амалҳои пайдарпае, ки барои ноил шудан ба натиҷа анҷом дода мешавад, усули истеҳсоли маҳсулот дар корхона бо роҳи коркарди ашёи табиӣ. Маҷмӯи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд барои табдили мавод ба маҳсулоти ба нақша гирифташуда.

Маҳсулот: Натиҷаи ниҳоӣ ё ҳосил, натиҷаи раванди коркард.



Расми 3. Раванди кори корхона

Агар мо ин равишро ба бахши коркарди меваи хушк мутобиқ кунем:

- Маводҳо
  - Ашёи хом
- Захираҳо
  - Кормандон
    - Агентҳо (харидорон)
    - Мураттабкунандагон (ҷудокунандаҳо)
    - Идоракунии сифат
      - Менеҷери сифат
      - Нозир (инспектор)
  - Зерсохтор
    - Бино
    - Таҷҳизот
    - Воситаи нақлиёт
- Мудирият
    - Санҷишҳо
    - Амалҳои ислоҳкунанда
- Фаъолият (раванди коркард)
  - Ҷамъоварӣ
  - Мараттабкунӣ (ҷудокунӣ)
  - бастабандӣ
  - Нигаҳдорӣ ва интиқол
- Маҳсулот
  - Бастабандии маҳсулот

Беҳбуди раванди коркард сифати махсулоти нихоиро беҳтар мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи масолеҳу ашёҳои хушсифат зарур мебошад.



Расми 4. Схемаи раванди технологӣ

Ба навъхо ҷудо кардани ашёи хом аз рӯи талаботи минималии стандарти дахлдори маҳсулот, ва тасниф намудани онхо ба навъхои сифат (мувофиқи стандарт) муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, санҷиши мутобиқати бахшҳои мушаххаси маҳсулот ба талаботи стандарти дахлдор қисми раванди назорати сифат ҳисобида мешавад.

Қабул, ба навъҳо ҷудо кардан ва калибрченкунӣ аз рӯи сифат нуктаҳои муҳими назоратӣ дар раванди истеҳсолот мебошанд, ки бояд аз ҷониби кормандони махсуси омӯзонидашуда амалӣ шаванд.

1. Истилоҳот ва таърифҳо

1.1 Стандарт

Стандарт хусусиятҳои маҳсулотро (мева ва сабзавоти тару тоза, хушк ва хушккардашуда), ки барои фурӯш ва ё расонидани он дар ҳолати аввала ба истеъмолкунанда пешбинӣ шудааст, аз ҷумла талабот ба бастабандӣ ва тамғагузориро муайян мекунад.

1.2 Нозир

Нозир – шахсест, ки аз ҷониби хадамоти назорати расмӣ ваколатдор шудааст ва барои гузаронидани санҷишҳои мутобиқат таълими мувофиқ ва мунтазам гирифтааст.

1.3 Испексия/Санҷиши мутобиқат

Санҷиш ё санҷиши мутобиқат аз ҷониби нозир бо мақсади тасдиқи ҷавобгӯ будани маҳсулот ба талаботи стандарт гузаронида мешавад.

Санҷиши мутобиқат нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Муайянкунӣ ва санҷиши ҳуҷҷатҳо: санҷиши ҳуҷҷатҳо ё шаҳодатномаҳое ки ҳамроҳи лоти маҳсулот пешниҳод мешавад ва санҷиши мутобиқати маҳсулот ва ҳуҷҷатҳо.
- Санҷиши физикии тасодуфии лот барои боварӣ ҳосил кардани он, ки он ба ҳама шартҳои стандарт, аз ҷумла ба муқаррарот оид ба муаррифии маҳсулот ва тамғагузории бастаҳои алоҳида ва бастаҳои умумӣ мувофиқат мекунад.

1.4 Бастабанд, экспедитор ё /ва интиқолдиҳанда

Бастабанд - шахс ё ширкате, ки барои коркарди пас аз ҷамъоварии ҳосил ва/ё омода кардани маҳсулот барои фурӯш, аз ҷумла хориҷ кардан (моли нуқсондор), ҷудо кардан, андозагирӣ ва бастабандӣ масъул аст.

Экспедитор - шахс ё ширкате, ки барои интиқоли маҳсулот масъул аст.

1.5 Бор

Бор - микдори махсулоте, ки аз ҷониби тоҷири муайян фурӯхта мешавад, ин маълумот ҳангоми санҷиш шуда дар хуччатҳо қайд карда мешавад. Интиқол метавонад дар як ё якчанд тараф анҷом дода шавад ва метавонад байни намудҳои гуногуни нақлиёт тақсим шавад.

1.6 Лот

Лот – маҳсулоте, ки ҳангоми санҷиш дар як вақт ва дар як макон аз назари зерин хусусиятҳои умумӣ доранд:

- бастабанд, экспедитор/интиқолдиҳанда ва/ё истеҳсолкунанда;
- Кишвари истеҳсолот;
- Навъи маҳсулот;
- Андоза (агар маҳсулот аз рӯи андоза ҷудо карда шаванд);
- Намуд/сабки тиҷоратӣ (мувофиқи муқаррароти дахлдори стандарт);
- Санаи ҷамъоварӣ ё бастабандӣ (агар лозим бошад);
- Шумораи лот (агар лозим бошад);
- Навъи бастабандӣ ва муаррифӣ.

Аммо, агар ҳангоми тафтиши мутобиқати борҳо фарқ кардани лотҳои алоҳида душвор ва/ё ғайриимкон бошад, ҳамаи лотҳои як бор метавонанд як лот маҳсуб шаванд, агар онҳо аз рӯи намуди маҳсулот, бастабандӣ/экспедитор/истеҳсолкунанда, кишвари пайдоиш, навъ ва намуди тиҷоратӣ якхела бошанд (агар стандарт иҷозат медиҳад).

1.7 Бастабандӣ

Барои осонии интиқол ва ҷобаҷоии маҳсулот, бастаҳои инфиродӣ ё маҳсулоти резанда бояд дар бастаи махсуси нақлиётӣ ҷойгир шаванд, ки аз вайроншавӣ ва ифлосшавӣ ҳангоми коркард ва интиқол муҳофизат мекунад, (масалан, қуттиҳои картонӣ, халтаҳои пластикӣ, қуттиҳои паллет ва ғайра). Бастаҳои нақлиётиро баъзан барои фурӯш истифода бурдан мумкин аст. Контейнерҳо барои интиқол аз роҳи роҳи оҳан, автомобилӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ баста ба ҳисоб намераванд.

1.8 Бастаҳои инфиродӣ

Маҳсулот дар бастаҳои инфиродӣ фурӯхта мешавад. Бастабандии инфиродӣ барои фурӯши як қисми хурди маҳсулот ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ дар нуқтаҳои фурӯш пешбинӣ шудааст.

1.9 Фасовка

Фасовка - як намуди бастаи инфиродӣ, ки маҳсулоти хӯрокворирo пурра ё қисман пинҳон мекунад, тавре ки бе кушодан ё иваз кардани баста, иваз кардани маводи дохили баста номумкин аст.

1.10 Воҳиди маҳсулот

Воҳиди маҳсулот, як дона маҳсулот мебошад (мева ё дона).

1.11 Намунагирӣ

Намуна ин як миқдор аз маҳсулотест, ки барои нишон додани муҳтавои тамоми лот интихоб мешавад.

1.12 Намунагирии ибтидоӣ

Намунаи ибтидоӣ бастаест, ки ба таври тасодуфӣ аз партия / лот интихоб карда мешавад.

1.13 Намунагирии дубора

Намунагирии дубора ин якчанд дона аз маҳсулот ё бастаҳои инфиродӣ мебошад, ки аз байни намунаҳои ибтидоӣ ба таври тасодуфӣ интихоб шудаанд.
Дар сурати маҳсулоти бастабандишуда, аз ҳар як намунаи ибтидоӣ, намунаи дубора гирифта мешавад, то намунагирии умумӣ анҷом ёбад. Миқдори ҳадди ақали намунаи дубора аз ҳар намунаи ибтидоӣ гирифташуда бояд чунин бошад:

- аз 300 г то 1 кг, агар маҳсулот дар зарфҳои яклухт печонида мешаванд
- 1 ё зиёда бастаи инфиродӣ, агар бастаҳои инфиродӣ истифода мешаванд.

1.14 Намунагирии яклухт

Намунагирии умумӣ ин якчанд намунаи ибтидоӣ мебошанд, ки як лоти маҳсулотро ба миқдори кофӣ намояндагӣ мекунанд, то ин ки баҳодиҳии лот мувофиқи ҳамаи меъёрҳои стандарти дахлдор сурат бигирад.

Ҳадди ақали намунагирии яклухт аз истеҳсолот барои ҳар як лот ба таври зерин муқаррар шудааст:

Маҳсулоти бастабандишуда	
Шумораи бастаҳо дар лот	Шумораи бастаҳо (намунагирии ибтидоӣ), ки намунагирии яклухтро ташкил медиҳанд
Камтар аз 100	**5**
аз 101 то 300	**7**
аз 301 то 500	**9**
аз 501 то 1000	**10**
аз 1001 то 3000	**13**
Бештар аз 3000	**На кам аз 15**

1.15 Намунагирии умумӣ

Намунагирии умумӣ ин интихоби ҳама намунаҳои дуюмдараҷа, ки аз намунаҳои ибтидоӣ гирифташуда мебошад, ки намунаи яклухтро ташкил медиҳанд.
Андозаи намунагирии умумӣ бояд на камтар аз:

- 3 кг дар мавриди маҳсулоти бо вазни 1 кг ё камтар дар ҳар сад адад/воҳид;
- 6 кг дар мавриди маҳсулоти бо вазни зиёда аз 1 кг дар ҳар сад адад.

Маҳсулот дар намунагирии умумӣ бояд баробар омехта шаванд.

1.16 Намунагирии сабук

Намунагирии сабук ин миқдори маҳсулотест, ки ба таври тасодуфӣ аз миёни намунаҳои умумӣ гирифта шудааст, ки миқдори он ҳадди ақал барои арзёбии баъзе аз меъёрҳои инфиродии маҳсулот кифоя аст. Санҷиши мувофиқати лот бо меъёрҳоии гуногунро метавон бо роҳи гирифтани якчанд намунаи сабук аз намунаи умумӣ анҷом дод.
Намунагирии сабук аз намунаҳои умумӣ интихоб шуда, бояд ҳадди аққал ин миқдорро дар бар гирад:

- 2 x 100 дона – дар сурати чормағзи пӯстдор
- 100 грамм – дар мавриди мавиз ё дигар маҳсулоти ҳаҷмашон шабеҳ ё хурдтар (яъне, вақте ки дар 100 грамм маҳсулот зиёда аз 100 адад мавҷуд аст)
- 1000 грамм – дар сурати зардолуи хушк ё дигар маҳсулоти дорои ҳамин андоза (яъне дар 1000 грамм зиёда аз 100 адад мавҷудбуда)
- 2000 грамм – дар сурати шафтолуи хушк ё дигар маҳсулоти ҳаҷмашон шабеҳ (яъне ҳангоми мавҷуд будани зиёда аз 100 адад дар 2000 грамм).

Намунагирии сабуки дар боло тавсифшуда ба 1000 баста барои як лот баробар аст, яъне агар андозаи лот аз 1000 баста зиёд бошад, намунагирии сабук бояд мутаносибан зиёд шавад. Иҷозат аст, ки миқдор то 1% каму зиёд аз миёдори дар боло зикршуда бошад.

2. Намунагирӣ ва санҷиш

2.1 Санҷиши ҳолати физикии лот

Бастабандӣ аз ҷумла маводи истифодашаванда, бояд аз ҷиҳати устуворӣ ва тозагӣ мувофиқи талаботи стандарти дахлдор санҷида шаванд.

Ин санҷиш бо истифода аз намунагирии аввалия дар мавриди маҳсулоти бастабандишуда анҷом дода мешавад. Агар танҳо намудҳои муайяни бастабандӣ ё пешниҳод иҷозат дода мешавад, нозир риояти ин қоидаро тафтиш мекунад. Илова бар ин, чунин санҷиш дар бораи лот таассуроти умумӣ медиҳад.

Санҷиши тамғагузорӣ

Мувофиқи талаботи стандарт тамғагузорӣ бояд аз лиҳози дуруст будан, мукаммал будан ва хонданибоб будан санҷида шавад. Ин кор дар асоси намунагирии ибтидоӣ, дар мавриди маҳсулоти бастабандишуда анҷом дода мешавад. Агар маҳсулот дар бастаи инфиродӣ дар як контейнери умумӣ пешниҳод мешавад, бояд тафтиш шавад, ки оё тамғаи бастаҳои инфиродӣ (агар бошад) бо бастаи берунӣ мувофиқат мекунад ё не.

Тамғагузорӣ

Як тарафи ҳар як баста бояд маълумоти зеринро дошта бошад, ки бо сиёҳии нобудношаванда чоп карда шуда, аз берун осон ҳонда шавад:
A. Муайянкунӣ:
- тарафи бастабандикарда ва/ё ирсолкунанда;
- Ном ва суроғаи воҳей (кӯча/шаҳр/минтақа/индекси почта ва кишвар, агар аз кишвари истеҳсоли маҳсулот фарқ кунад) ё тамғаи рамзӣ, ки мақомоти кишвар қабул кардааанд.
B. Тавсифи маҳсулот:
- «Зардолуи хушк» (дар ҳолати зарурӣ метавонад бо «зардолуи хушки намӣ баланд» ё чунин нишона иваз карда шавад)
- Намуд
- Навъ (ихтиёрӣ)
C. Истеҳсол:
- Кишвари истеҳсолот, дар ҳолати зарурӣ минтақа ё нишони миллӣ/минтақавӣ/маҳалли
D. Сифатҳои тичоратӣ:
- Гуногунӣ
- андоза (агар лозим бошад), ба монанди:
- Варианти А - рамзи рақамӣ (мувофиқи Фасли III) ва/ё диапазон; ё
- Варианти В - диаметр (мувофиқи Фасли III); ё
- Варианти С - рамзи алифбо ва диапазон
- Соли ҳосил (ихтиёрӣ)
- Хушккунии "табиӣ" (ихтиёрӣ)
- - Санаи "истифода беҳтар аст то ... " (ихтиёрӣ)

2.2. Интихоби намуна





Намунагирии аввалия

Намунагирии дубора

Вазнгирии санҷишӣ





Омодагӣ ба намунагирии умумӣ

Омодагӣ ба намунагирии сабук (барои санҷишҳои физикӣ ва таҳлил)

Омодагӣ ба намунагирии сабук (барои санҷишҳои физикӣ ва таҳлил)

2.3. Тамғагузории намунагирӣ

Муайянкунӣ	
Ирсолкунанда	:
Ном ва имзои инспектор	:
Ном ва имзои шахси масъул	:

Тавсифи маҳсулот:	
Рақами лот	:
Номи маҳсулот	:
Навъ/Намуд/Услуб	:
Навъ аз рӯи сифат	:
Андоза	:
Шумораи бастаҳо	:
Вазни холис (лот)	:
Вазни холис (бастабандӣ)	:
Санаи иҷозати истифода/соли истеҳсол	:
Макони истеҳсолот	:
Макони таъинот	:
Навъи нақлиёт	:

2.4. Тасдиқи андоза.

Масалан, чормағзи пӯстдор ва зардолуи хушккардашуда бо мағз



Навъи беҳтарин	**На хурдтар аз 26 мм**
Навъи 1	
Навъи 2	**На хурдтар аз 22 мм**





	Шумораи воҳидҳое, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд	**6 аз 100**	**гузашт**



60 дона дар 1 кг – Андоза 0 – БУЗУРГ

2.5. Санҷиши мушаххасоти маҳсулот

Масалан, чормағзи пӯстдор



	Нуқсон	Миқдор	Навъи беҳтарин	Навъи аввал	Навъи дуюм
	Пӯст/ қабатҳои часпида, чирк ва нуқсонҳои физикӣ, пӯсти кушода, шикаста ё осебдида	**6 аз 100**	**НАГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Мағор	**1 аз 100**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Талхӣ, зарари ҳашарот, пӯсида ё вайрон	**3 аз 100**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Мағзи хушкида	**7 аз 100**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Ҷисмҳои бегона, аз ҷумла пораҳои пӯст, ҷилдҳо, чанг ва ғ.	**10 аз 100**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**

Масоли зардолуи хуккардашуда



	Нуқсон	Миқдор	Навъи беҳтарин	Навъи аввал	Навъи дуюм
	Мағор	**1 дар 1 кг (1,66%)**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**
	Пӯсидагӣ	**1 дар 1 кг (1,66%)**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Зарари ҳашарот	**2 дар 1 кг (3,33%)**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Ферментатсия	**3 дар 1 кг (5%)**	**НАГУЗАШТ**	**НАГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Осеби ҳароратӣ, офтобзада	**4 дар 1 кг (6,66%)**	**НАГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Доғдор	**2 дар 1 кг (3,33%)**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**
	Захмдорӣ ва сахтшавӣ	**1 дар 1 кг (1,66%)**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**	**ГУЗАШТ**

3. Нуқсон

3.1 Осеби расида аз ҳашарот

Осебе, ки аз ҳашарот ба мисли канаҳо, ҷавандаҳо ё дигар ҳашароти зараррасон расонида шуда ва ба чашм намудор аст, аз ҷумла мавҷудияти ҳашароти мурда ва/ё кана, осори вуҷуди онҳо, ё наҷосаташон ва ё қисмҳое аз ҳашарот.

Зардолуи хушккардашуда	
Олуи хушк	

Анҷири хушккардашуда	
Чормағзи пӯстдр	
Мағзи чормағз	

3.2 Ҳашароти зинда

Мавҷудияти ҳашароти зараррасони зинда (ҳашарот, кана ва ғайра) дар ҳама гуна марҳилаи рушд (ҳашароти бузургсол, мутта ё ҷавонаи ҳашарот, кирм, тухм ва ғ.).

3.3 Талхӣ

Оксидшавии равғанҳо (липидҳо) ва кислотаҳои равғанӣ, ки боиси таъми ногувор ва ғайри қобили қабул мегардад.

3.4 Пӯсида

Таҷзияи назарраси бофтаҳои мева таҳти микроорганизмҳо ё дигар равандҳои биологӣ. Одатан чунин равандҳоро тағирёбии сохтори мева (нармшавӣ ё обгирӣ) ва/ё ранги мева (пайдоиши доғҳои қаҳваранг, ки тадричан сиёҳ мешаванд) ҳамроҳӣ мекунанд.

Мавиз	

3.5 Осеби ҳаратӣ, офтобзадагӣ

Осебеб, ки дар натиҷаи таъсири гармии аз ҳад зиёд, ё нури офтоб ҳангоми пухтан ё хушк кардан мерасад ва намуди зоҳирӣ, мазза ва накҳати мева, инчунин сифатҳои истеъмолии онро тағйир медиҳад.

Зардолуи хушккарда	
Анҷири хушккарда	

3.6 Мағор

Мағори нахдори ба чашм аён

Зардолуи Хукшккардашуда	
Олуи хушккардашуда	
Мавиз	

Анҷири хушккардашуда	
Чормағзи пӯстддор	
Мағзи чормағз	

3.7 Мағзи пучшуда ё хушкшуда

Мағз ё меваи пучшуда, хушкшуда ва сахтшудаи чормағз. Мағзи пучшуда нишони меваи нопухта аст.

Чормағзи пӯстдор	
Мағзи чормағз	

3.7 Захмдорӣ ва сахтшавӣ

Осори осеб (аз жола, таъсири механикӣ ва ғ.), вайроншавии инкишофи мева дар натиҷаи беморихои вирусӣ.

Зардолуи хушккардашуда	
Олуи хуккардашуда	

3.8 Инкишофи нокофии мева

Мевахое, ки ба андозаи зарурӣ барои ин навъи маҳсулот калон нашуданд.

Зардолуи хушккардашуда	
Мавиз	
Анҷири хушккардашуда	
Чормағзи пӯстдор	
Мағзи чормағз	

3.9 Ҷисми хориҷӣ

Ҳама гуна ҷисмҳое ки дар дохил ва болои мева, ғайр аз худи маҳсулот ба чашми бараҳна намоёнанд

Зардолуи хушккардашуда	

Олуи хушккардашуда	
Мавиз	
Анҷири хушккардашуда	

4. Асбобҳо барои санҷиш

4.1 Миз барои санҷиш

Мизи санҷишӣ бояд ба қадри кофӣ калон бошад ва равшанӣ хуби (табиӣ ё сунъӣ) дошта бошад ва бо таҷҳизоти зарурӣ барои тафтиши физикии маҳсулот муҷаҳҳаз бошад. Илова бар ин, барои интиқоли натиҷаҳои санҷиш таҷҳизот ва инфрасохтори коммуникатсионӣ мавҷуд бошад.



4.2 Барои озмоиши осебнадиҳанда

4.2.2 Таҳҷизоти андозагирӣ ва ҷадвали ташхиси ранг

4.3 Барои санҳиши осебдиҳанда

Мисол: Муайян кардани таркиби намӣ дар анҷири хушк (Усуле к дар лабораторияҳо ба он истинод мекунанд)

1 Таъриф

Миқдори намии анҷири хушккардашуда ҳамчун талафоти вазн дар натиҷаи равандҳои дар зер тавсифшуда муайян мешавад.

2 Усулҳо

Моҳияти усул аз гарм кардан ва хушк кардани намунаи анҷири хушккардашуда дар ҳарорати 70 ± 10 ° C бо фишори на бештар аз 100 мм Hg.

3 Таҳҷизот

Таҳҷизоти стандартии лабораторӣ, аз ҷумла:

3.1 Танӯри вакуумӣ

Назорати ҳарорат 70 ± 1°C ва фишор то 100 мм Hg.

3.2 Зарфҳои хушккунӣ

Бо сарпӯшҳо, ки аз маводди ба фарсудашавӣ тобовар сохта шудаанд, тақрибан 8,5 см диаметри.

3.3 Осиёб

Дастӣ ё механикӣ.

3.4 Хушккунак

Дар таркибаш агенти муассири хушккунанда дорад.

3.5 Тарозуи лабораторӣ

Дақиқии вазнгирӣ то 0,01 г.

5. Раванди андозагирӣ

5.1 Омода кардани намуна

Тақрибан 50 г анҷири хушкро аз намунаи лабораторӣ бармекашанд ва ду маротиба аз осиёб мегузаронанд..

5.2 Санҷиш

2 грамм реги хеле майда, ки қаблан бо кислотаи гидрохлорид коркард шуда, бо об шуста ва хушк карда шудаастро, бояд дар зарфи хушккунӣ ҷойгир карда тақрибан 5 грамм намунаи маҳсулотеро, ки то 0,01 грамм вазн дорад, илова кунем.

5.3 Таҳлил

Пеш аз ҳама, омехтаи намунаи маҳсулот ва қумро бо чанд миллилитр оби гарм тар кунед ва сипас ҳамаро бодиққат бо белча омехта кунед. Муҳтавои боқимонда дар белчаро бояд бо оби гарм дар дохили зарф шуста шавад. Зарфро бояд болои бухори об то замони хуборшавии тамоми об нигоҳ доред. Пасон, шумо метавонед контейнерро пас аз кушодани сарпӯш дар танӯр бо мақсади хушк кардани минбаъда дар ҳарорати 70 ± 10 ° C дар давоми шаш соат дар фишори на бештар аз 100 мм Hg ҷойгир кунед. Дар ин муддат танӯрро набояд кушоед. Дар вакти хушкондан ҷараёни сусти ҳавое, ки аз кислотаи сулфат мегузарад (2 ҳубоб дар як сония) ба танӯр ворид мешавад. Зарфи металлии хушккуниро бевосита ба рафи оҳанини танӯр гузоштан лозим аст.
Барои итминон ҳосил кардан дар он, ки раванди хушккунӣ ба итмом расид, намуна дар танӯр барои 6 соат нигоҳ дошта мешавад, пас онро аз танӯр хорич кардан лозим аст, зарфи дорои моддаи хушк бояд дар хушккунаки махсус хунук карда шавад, то ки баъд аз он дақиқии ± 0,01 г баркашида шавад. Раванди вазнкашӣ бояд то он даме, ки тағирёбии масса қатъ нашавад, идома ёбад.

6. Ҳисоб ва намоиши натиҷаҳо

6.1 Ҳисоб

Миқдори намии намуна R мувофиқи муодилаи зерин ҳамчун фоиз аз рӯи масса ҳисоб карда мешавад:

$$R = \frac{(m_1 - m_2)}{(m_1 - m_0)} \times 100$$

ки дар он:

m_0: Вазни зарфи хушккунии холӣ бо сарпӯш ва қум, бо грамм;

m_1: Вазни зарфи хушккунӣ бо сарпӯш, қум ва намуна пеш аз хушк кардан, бо грамм;

m_2: Вазни зарфи хушккуни бо сарпӯш, қум ва намуна пас аз хушккунӣ, бо грамм.

6.2 Намоиши натиҷаҳо

6.2.1 Хулоса

Агар шартҳои такрорӣ иҷро шаванд, натиҷаи таҳлил таносуби арифметикии ду адад хоҳад буд. Натиҷа бо дақиқии як рақам пас аз нуқтаи даҳӣ нишон дода мешавад.

6.2.2 Такрорпазирӣ

Фарқи мутлақ байни натиҷаҳои ду озмоише, ки аз ҷониби як нафар дар як лаборатория, бо ду намуна аз як намунагирӣ, бо истифода аз ҳамон асбобҳо, бо истифода аз усулҳои гуногун, бо фосилаи ҳадди ақал анҷом дода шудааст.
Фарқият набояд бештар аз 0,2% бошад.

7. Ҳисоботи таҳлилӣ

Дар ҳисобот бояд усули таҳлили истифодашуда ва натиҷаҳои бадастомада нишон дода шавад. Инчунин, ҳисобот бояд тамоми хусусиятҳои зарурии намунаро дар бар гирад.
Мисол: муайян кардани хокистаршавии донаҳои чормағз бо роҳи об кардан дар кислотаи хлорид

1 Сарчашмаҳо
ISO 749 Партовҳо аз коркарди донаҳои равғанӣ. Мушаххасоти умумии хокистар. ISO 771 Партовҳо аз коркарди донаҳои равғанӣ. Муайян кардани намнокӣ ва моддаҳои пармашаванда».

2 Таъриф
Хокистари дар кислотаи гидрохлорид ҳалнашаванда: Фоизи умумии хокистаре, ки пас аз коркард бо кислотаи хлорид дар шароити дар зер тавсифшуда боқӣ мемонад.

3 Принсипи таъриф
Хокистарро бо кислотаи гидрохлорид коркард мекунанд, то моддаҳои дар ин реактив ҳалшаванда хорич шуда, сипас таҳшини ҳалнашуда баркашида мешавад.

4 Реактивҳо
4.1 Кислотаи гидрохлорид, маҳлули 3 моль/л.
4.2 Нитрати нуқра, маҳлул 10 г/л.

5 Таҷҳизот
5.1 Тарозуи лабораторӣ
5.2 Табақи калсинатсия бо таги ҳамвор,бо андозаи тақрибан 60 мм дар диаметр ва на бештар аз 25 мм баландӣ аз платина, тиллои платина, кремний ё дар ҳолати зарурӣ чинӣ/фарфор.
5.3 Коғази мустаҳками филтри дорои порозияи миёна, хокистар намегузорад.
5.4 Танӯри электрикии муфелӣ бо гардиши ҳаво ва ҳарорат, ки дар ҳудуди 550 ± 15°C назорат карда мешавад.
5.5 Хушккунанда, ки дорои агенти самараноки хушккунӣ мебошад.

6 Равиш
Хамаи тарозуҳо бо дақиқии 0,01 г гузаронда мешаванд.
6.1 Намуна барои таҳлил ва калсинатсия тибқи ISO 749.

6.2 Муъаянкунӣ

Аввалан, хокистари дар асари калсинатсияи намунаи маҳсулот ба дастомадаро бо 10 мл маҳлули кислотаи гидрохлорид (5.1) омехта карда, табақи калсинатсияро бо сарпӯши шишагӣ мепӯшонед. Каме гарм кунед ва дар якчанд марҳила тақрибан 50 мл маҳлули кислота (5.1) бирезед. Сипас маҳлулро ба истакони лаборатории зарфияташ тақрибан 250 мл рехтан лозим аст, шустани табақ ва сарпӯши шишаро фаромӯш накунад.

Зарур аст, ки ба ҷӯшиш расонда, дар оташи паст тақрибан 10 дақиқаи дигар ҷӯшиданро идома диҳед, сипас лозим аст моеъи бадастомадаро аз коғази ғафси филтр (5.3) гузаронед ва то пурра хориҷ шудани ионҳои хлорид бо оби ҷӯшон бишӯед [метавонед барои санҷиш маҳлули нитрати нуқраро (5.2) истифода баред]. Минбаъд коғази филтр ва маҳсули таҳшиншударо ба табақи калсинатсия (5,2) гузоред, дар танӯр (5,4) то ҳарорати 550±15°C барои 15 дақиқа гарм карда, дар хушккунак хунук карда, баркашед.

Қадами навбатӣ ин аст, ки табақаро ҳамроҳ бо коғази филтр ва таҳшин дар плитаи барқӣ ё газӣ то сӯхта шудани коғази филтрӣ тадриҷан гарм карда, баъд маҳсулоти бадастомадаро дар танӯри тигелӣ дар ҳарорати 550±15°C ҷойгир кунед. Гармкунӣ то даме идома меёбад, ки таҳшин аз зарраҳои карбон ба таври чашмрас тоза шавад (тақрибан 1 соат). Зарур аст, ки табақро дар хушккунак хунук кунед, то вазнкаширо ҳангоми ба ҳарорати хонагӣ расидани ашёи бадастомада анҷом бидиҳед. Баъдан, тавсия мешавад, ки табақро дубора ба танӯр гузоред ва барои 30 дақиқаи дигар дар ҳарорати 550 ± 15 ° C нигоҳ доред. Сипас маҳсулот аз нав хунук ва баркашида мешавад.

Агар фарқияти байни ду вазнкашӣ аз 0,001 г зиёд набошад, муайянкунӣ пурра ҳисобида мешавад. Дар ғайри ин сурат, раванди гармкуниро дар танӯр то 30 дақиқагӣ идома диҳед, то замоне ки фарқияти байни вазнкашӣ камтар аз 0,001 г бошад. Муҳим аст, ки аз як намуна ду таҳлил гузаронида шавад.

8. Муъаррифии натиҷаҳо

8.1 Равиши ҳисоб ва формула

7.1.1 Хокистари дар кислотаи хлорид ҳалнашаванда, ки бо фоизи массаи намунаи гирифташуда ифода карда мешавад, ба:

$$\frac{(m_2 - m_1)}{m_0} \times 100$$

баробар аст, ки дар он:

m_0 – вазни намунаи озмоишӣ барои муайян кардани миқдори умумии хокистар, бо грамм;

m_1 – вазни табақ бо сарпӯш (5.2), бо грамм;

m_2 – массаи табақи дорои таҳшин, ки дар натиҷаи тафсидан ба даст омадааст, бо грамм.

Бо назардошти талаботи такроршавӣ миёнаи арифметикии ду ҳисоб натиҷа маҳсуб мешавад. (ниг. 7.2). Дар акси ҳол, тадқиқот бояд дар ду намунаи дигари санҷиш такрор шавад. Агар дар ин ҳолат фарқият боз ҳам аз 0,2 г дар ҳар 100 грамм зиёд шавад, миёнаи арифметикии чаҳор таҳлили гузаронидашуда ҳамчун натиҷа шинохта мешавад, ба шарте ки фарқияти максималии байни натиҷаҳои инфиродӣ аз 0,5 г дар 100 грамм намуна зиёд набошад. Натиҷа бо дақиқии як рақам пас аз нуқтаи даҳӣ нишон дода мешавад.

7.1.2 Дар ҳолати зарурӣ, хокистари дар кислотаи хлорид ҳалнашавандаро дар робита ба таркиби моддаҳои хушк бо роҳи зарб задани натиҷаи дар банди 7.1.1 бадастомада ба 100/100-U, ки дар он U мувофиқи ISO 771 фоизи массаи намӣ ва моддаҳои идоранашаванда мебошад, ифода кардан мумкин аст.

8.2 Такрорпазирӣ

Фарқи байни натиҷаҳои ду таҳлили ҳамзамон ё паи ҳам аз ҷониби як таҳлилгар гузаронидашуда набояд зиёда аз 0,2 г хокистари дар кислотаи хлорид ҳалнашаванда дар 100 г намуна бошад.

9. Ҳисоботи санҷиш

Ҳисоботи санҷиш бояд усули истифодашуда ва натиҷаи бадастомадаро тавсиф карда, ба таври возеҳ нишон диҳад, ки натиҷа нисбат ба маҳсулоти гирифташуда ё моддаи хушк ифода ёфтааст. Инчунин зарур аст, ки ҳама шартҳое, ки дар ин стандарт зикр нашудаанд ё зарурӣ ҳисобида нашудаанд, инчунин ҳама гуна ӯҳдадориҳое, ки метавонанд ба натиҷа таъсир расонанд номбар шаванд.

10. Формҳо

10.2. Форми дархост а заявки

Мушаххасот	
Ирсолдиҳанда	:
Рақами рег. андоз	:
Рамзи объект	:
Суроғаи объекта	:
Шахси муттасаддӣ	:

Тавсифи маҳсулот:	
Рақами лот	:
Унвони маҳсулот	:
Навъ/намуд/сабк	:
Навъи сифат	:
Андоза	:
Шумораи бастаҳо	:
Вазн (лот)	:
Вазн (баста)	:
Муҳлати истифода /соли истеҳсол	:
Макони истеҳсол	:
Барои куҷо	:
Шеваи интиқол	:

10.3. Ҳисоботи таҳлилӣ

	Иддаъо шудааст	**Бино ба бозрасӣ**
Намуди зоҳирӣ		
Истеҳсолкунанда/фиристанда		
Шумораи лот		
Вазни холис (кг)		
Андоза (мм ё шумораи меваҳо дар як кг)		
Навъ		

Нуқсонҳо	**Навъи иддаъошуда**	**Иҷозати ҳадди ақал (%)**	**Навъ бино ббозрасӣ**
Талаботи ҳадди ақал			
Нуқсонҳои физикӣ			
Дорои намӣ			
Дорои консервантҳо (масалан SO_2)			

Мисли дигар молу хизматрасониҳо, рақобат дар савдои байналмилалии кишоварзӣ рӯз то рӯз меафзояд. Сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо яке аз омилҳои муҳимест, ки ба таъминкунандагон ва истеҳсолкунандагон имкон медиҳад, аз рақибони худ пеш бошанд.

Дар аввали ин дастур омилҳое оварда шудаанд, ки ба сифати маҳсулот таъсир мерасонанд. Аммо масъалаи муҳимми дигар — муҳофизати доимӣ, устуворӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти ниҳоӣ аст. Ҳоло назорат кардани мутобиқати маҳсулот ба стандарти дахлдори байналмилалии сифат муҳим аст.

Дар ин давра ба ғайр аз нозирони расмии сифат, назоратчиёни дохилие, ки дар ташкилот кор мекунанд, масъулияти зиёд доранд.

Нозири дохилии сифат метавонад на танҳо мутобиқати сифати тиҷоратии маҳсулоти ниҳоиро ба стандарти дахлдор идора кунад, балки ба мутобиқати ашёи хоми воридотӣ баҳо медиҳад, кормандонро омӯзиш диҳад, ба дурустии кори онҳо назорат кунад, номувофиқатҳоро ошкор карда ва омодагии ҳуҷҷатҳо барои ислоҳ кардани ин вазъ ва иҷрои нақшаҳо барои бартараф кардани иштибоҳҳоро бар ӯҳда мегирад.

Қалби нозири сифати маҳсулот барои татбиқи ояндаи стандартизатсияи хусусӣ ё давлатӣ ё системаҳои идоракунии сифат ба монанди ISO 22000, BRC, GLOBALG.A.P. ва ғайра ба татбиқи ин системаҳо мусоидат мекунанд.

Дар бораи муаллиф

Эмре Кириҷиоғлу факултети кишоварзии шӯъбаи боғдориро хатм кардааст. Бо идомаи таҳсили баъдидипломӣ дар самти татбиқи биотехнология дар растанипарварӣ вай дар Вазорати савдои хориҷии Туркия ба ҳайси нозир ба таҷрибаомӯзӣ шурӯъ кард.

Дар тӯли 18 сол, Эмре Кириҷиоғлу санҷиши кафолати сифатро оид ба стандартҳои дахлдори сифати мол дар савдои меваю сабзавоти тару тоза, хӯрокҳои хушк ва хушккардашуда, равғани растанӣ ва лӯбиёгиҳо мегузаронад. Вай барномаҳои зиёде барои омӯзиши нозирони давлатӣ ва инчунин нозирони бахши хусусӣ дар саросари ҷаҳон ташкил кардааст.

Эмре Кириҷиоғлу, ки ҳоло дар Агентии аккредитатсияи ҳалол дар Ҷумҳурии Туркия ба ҳайси санҷишгари аккредитатсия кор мекунад, инчунин аудитори системаи идоракунии бехатарии озуқавории ISO 22000 ва аудитори системаи менеҷменти сифати ISO 9001 буда, дар дохил ва хориҷи кишвар коршиносон ва аудиторҳои техникии ҳалолро таълим медиҳад.

Эмре Кириҷиоғлу доктори илмҳои иқтисод дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

ДАСТУРАМАЛ

дар бораи санҷиши меваю сабзавот пеш аз содирот бо назардошти талаботи стандартҳои тиҷоратии сифат ва намуди тиҷории КИА СММ барои меваю сабзавоти хушк ва хушккардашуда